## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи: «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928-1934)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1 – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик). – Бохтар, 2026. – 229 саҳ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқшуда ба шиносномаи ихтисоси илмии 6.1.1 – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) комилан мутобиқ мебошад. Омӯзиши таърихи ниҳодҳои давлатӣ ва сохторҳои иҷтимоӣ ташаккул ва фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятиро талаб мекунад, дар рисола КБММЗ ҳамчун механизми махсуси институтсионалии назди Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Таҳқиқи таърихи таҳаввулоти иҷтимоӣ ва равандҳои модернизатсияи ҷомеаи Тоҷикистон дар солҳои 20-30-юми асри XX яке аз самтҳои муҳимми таърихнигории муосири ватанӣ маҳсуб меёбад. Ин давра дар таърихи халқи тоҷик ҳамчун марҳилаи гузариши бунёдӣ аз сохти суннатии аграрӣ ба низоми нави иҷтимоӣ-сиёсӣ арзёбӣ гардида, бо суръати баланди дигаргунсозиҳои сохторӣ тавсиф мешавад. Ҳамин тариқ, пажӯҳиши мазкур на танҳо як таҳқиқи маъмурии фаъолияти як ниҳод, балки кӯшиши ҷомеи илмӣ - назариявӣ ҷиҳати ошкор намудани нақши стратегии КБММЗ дар раванди гузариши бунёдии ҷомеаи Тоҷикистон аз сохтори анъанавии патриархалӣ ба низоми муосири иҷтимоӣ маҳсуб меёбад.

**Навгонии илмӣ ва саҳми шахсии муаллиф**. Аз ҷумлаи навгониҳои илмии диссертатсия метавон инҳоро қайд кард: таҳқиқотҳои қаблӣ, ки ин Кумитаро танҳо ҳамчун замимаи шуъбаҳои занони ҳизбӣ (женотделы) медонистанд. Раванди озодсозии занон на ҳамчун як силсилаи муваффақиятҳои идеологӣ, балки ҳамчун як раванди мураккаби «муҳандисии иҷтимоӣ» таҳлил шудааст. Дар рисола бори аввал муқовимати ҷомеаи суннатӣ ба фаъолияти Кумита на танҳо ҳамчун «куҳнапарастӣ», балки ҳамчун як аксуламали мураккаби фарҳангӣ ба тағйири низоми арзишҳои оилавӣ ва маишӣ мавриди

таҳлили иҷтимоӣ-таърихӣ қарор гирифтааст. Маҷмуи васеи ҳуҷҷатҳои фондҳои 10, 12 ва 17-и БДМ ҶТ, ки қаблан мавриди таҳлили амиқ қарор нагирифта буданд, имкон доданд, ки паҳлуҳои номаълуми фаъолияти хоҷагидорӣ ва молиявии КБММЗ дар шароити Тоҷикистони солҳои 30-юм ошкор карда шаванд.

**Натиҷаҳо ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда**. Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дорои якчанд натиҷаҳои муҳимми илмиест, ки дар илми таърихшиносии тоҷик дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Исбот карда мешавад, ки КБММЗ дар солҳои 1928-1934 на танҳо як сохтори ёрирасони ҳизбӣ, балки механизми калидии давлатии «муҳандисии иҷтимоӣ» буд. Бархӯрди институтсионалӣ нишон медиҳад, ки ин ниҳод вазифаи мураккаби гузариши зани тоҷикро аз доираи маҳдуди суннатӣ ба фазои бози иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ тавассути абзорҳои идоравӣ ва молиявӣ амалӣ менамуд.

Собит гардид, ки КБММЗ ҳамчун «дасти иқтисодии» эмансипатсия тарҳрезӣ шуда буд. Бархӯрди функсионалии Кумита ба масъалаи занон - сохтмони боғчаҳо, ошхонаҳои ҷамъиятӣ ва беҳдошти шароити меҳнат - заминаи моддиро барои озодсозии воқеии занон фароҳам меовард, ки ин амр аз фаъолияти сирф ташвиқотии шуъбаҳои занони ҳизбӣ (женотделы) ба куллӣ фарқ мекард.

Дар асоси таҳлили интиқодии сарчашмаҳо нишон дода мешавад, ки дар фаъолияти Кумита зиддияти шадид байни нақшаҳои стратегии марказ ва имкониятҳои воқеии маҳаллӣ вуҷуд дошт.

Даъво карда мешавад, ки муқовимати ҷомеаи суннатӣ ба иқдомҳои КБММЗ на танҳо ифодаи «кӯҳнапарастӣ», балки аксуламали сохтории низоми патриархалӣ ба таҳдиди аз байн рафтани арзишҳои оилавию фарҳангӣ маҳсуб меёфт. Ин муқовимат боиси он гашт, ки Кумита дар бисёр мавридҳо ба усулҳои маъмурии фишор ё созишҳои муваққатӣ рӯ оварад. Таҷрибаи институтсионалии КБММЗ дар солҳои 1928-1934 ҳамчун заминаи таърихии сиёсати муосири гендерии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад. Хулоса карда мешавад, ки дарсҳои

таърихии ин марҳала - зарурати тавозун байни дигаргунсозиҳои сохторӣ ва хусусиятҳои менталитети миллӣ - барои татбиқи стратегияҳои имрӯзаи давлатӣ дар самти фаъолгардонии нақши занон аҳаммияти методӣ доранд.

**Саҳми шахсии муаллиф** дар раванди омодасозӣ ва навиштани рисолаи диссертатсионӣ аз ҷанбаҳои зерин иборат мебошад: ҷустуҷӯ ва таҳлили мустақилонаи сарчашмаҳо муаллиф шахсан дар Бойгонии давлатии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон (БДМ ҶТ) корҳои таҳқиқотиро анҷом дода, аз фондҳои 10, 12 ва 17 маҷмуи васеи санадҳои навро (протоколҳо, ҳисоботҳои молиявӣ ва нақшаҳои кории КБММЗ) ошкор ва ба гардиши илмӣ ворид намудааст; таҳияи консепсия ва заминаи назариявӣ: аз ҷониби муаллиф бори аввал консепсияи КБММЗ ҳамчун «агенти мустақили трансформатсияи иҷтимоӣ» пешниҳод гардидааст; татбиқи диди интиқодӣ дар таърихнигорӣ: довталаб таҳлили интиқодии адабиёти мавҷудаи давраи шуравӣ ва замони Истиқлолиятро анҷом дода, холигиҳои илмиро дар омӯзиши таърихи иҷтимоии занон муайян намудааст; таҳияи хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ: ҳамаи хулосаҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда маҳсули таҳлили мустақилонаи довталаб мебошанд; таълифи матни рисола ва апробатсия: довталаб матни пурраи рисола, аз ҷумла муқаддима, бобҳо, хулосаҳо ва рӯйхати адабиётро мустақилона таълиф намудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф ва маърӯзаҳои ӯ дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия**. Хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола баёнгардида бо асоснокӣ ва эътимоднокӣ фарқ менамоянд. Ин эътимоднокӣ дар навбати аввал ба таҳлили амиқ ва мантиқии сарчашмаҳои муътамад, ки асоси тадқиқотро ташкил медиҳанд, такя мекунад. Таҳлилҳои муқоисавӣ ва илмии дар рисола пешниҳодшуда, натиҷаи коркарди манбаъҳои аслӣ (қарорҳо, нақшаҳо, фармонҳо, ҳисоботҳои ташкилотҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявии КБММЗ) мебошанд, ки дар асоси принсипҳои илмии таърихнигорӣ амалӣ гардидаанд. Муаллиф бо истифода аз методологияи таърихнигории муосир (таърихият, таносуби воқеият ва

қонунгузорӣ, таҳлили сохторӣ-функсионалӣ) тавонистааст хулосаҳои хешро аз рӯйи мантиқ ва далелҳои қавӣ асоснок созад. Тавсияҳои дар охири рисола ифодаёфта, хусусан дар бахши «Татбиқи амалии натиҷаҳо», ҷанбаҳои воқеӣ ва муосири масъалаи таҳқиқшавандаро дар бар гирифта, имкони истифодаи онҳоро дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, омодасозии кадрҳо, таҳқиқи меҳнатии занон ва таҳияи сиёсати гендерии замони муосир фароҳам месозад. Ҳамаи хулосаҳо бо матни асосӣ ва маводи бойгонии истифодагардида робитаи мустақим доранд ва аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф ба таври амиқ ва масъулона бо маводи таҳқиқотии худ кор бурдааст.

Бо назардошти навиштаҳои боло, метавон гуфт, ки хулосаю тавсияҳои дар рисола ифодаёфта асоснок, муътамад ва дар амалияву таҳқиқоти илмии минбаъда қобили истифода мебошанд.

**Сохтори илмии диссертатсия**. Тарзи баён, нақшаи мантиқии таҳлили масъалаҳо ва мураттабсозии маводи илмӣ аз малакаи мустақили таҳқиқотии муҳаққиқ шаҳодат медиҳанд. Рисола аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёт иборат буда, пайвастагии мантиқии байни қисмҳо пурра таъмин шудааст. Дар ҳар як боб масоили марбут ба ташкили КБММЗ, нақши он дар соҳаҳои меҳнат, маишат, маърифат ва ҷалби занон ба ҳаёти ҷамъиятӣ таҳлили амиқ ёфтаанд.

**Муқаддимаи диссертатсия** яке аз бахшҳои асосии рисола ба шумор рафта, дар он зарурияти илмии таҳқиқ, навгонии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, мантиқи интихоб ва аҳамияти иҷтимоию сиёсӣ ва таърихии мавзуъ мукаммал ифода ёфтааст. Он бо мантиқи равшан, асоснокии назариявӣ ва равиши методологӣ таҳия шуда, ба таври комил муҳити илмии мавзуъро ифода мекунад. Муқаддима на танҳо зарурати интихоб ва асоси илмии мавзуъро нишон медиҳад, балки таҳқиқотро дар як заминаи муътамад ва мушаххаси таърихӣ ҷой медиҳад.

**Боби якуми рисола - «Фаъолияти кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ)»** аз ду зербоб иборат аст. Он ба таҳқиқи масъалаи ташаккули сохтории ниҳоди муҳим – КБММКЗ – бахшида шудааст, ки дар

зинаи аввали ташкили сиёсати иҷтимоиву гендерии давраи ибтидоии шуравӣ нақши калидӣ бозидааст. Муаллиф дар ин қисмат аз асноди бойгонӣ истифода бурда, бо ишора ба қарорҳои пленумҳои ҳизбӣ ва фармонҳои раёсати КИМ собит мекунад, ки Кумита ба таври расмӣ ва бо нақшаи аниқ амал мекард. Дар ин қисмат муҳаққиқ, инчунин таъсиси зерсохторҳои КБММЗ-ро дар сатҳи вилоят, округ ва ноҳия баррасӣ мекунад. Бо такя ба санадҳои бойгонӣ нишон додааст, ки ташкилот дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ фаъолият мекард. Бо назардошти он ки чунин таҳқиқ то кунун сурат нагирифтааст, метавон гуфт, ки боби якум дар таҳияи асоси назариявию амалии фаъолияти КБММЗ нақши калидӣ мебозад.

**Боби дуюми рисолаи мазкур - «Нақши кумита дар таҳаввулоти иқтисодии ҳаёти занон ва ташаккули коргарзанони касбӣ»** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Чӣ тавре маълум аст, давлати Шуравӣ дар асоси вазифаи дурнамои нақшаи панҷсолаи якуми хоҷагии халқ дар деҳот аз соли 1929 ба азнавсозии нақшаи соҳаи кишоварзӣ ва коллективонӣ пурра шурӯъ намуд. Дар татбиқи коллективонии саросарӣ бе истифода аз меҳнати оммавии занон муваффақиятро ба даст овардан мумкин набуд. Чӣ тавре ки аз маълумотҳои дигар аён мегардад, КБММЗ қариб бо тамоми масъалаҳое, ки ба меҳнати занон дахл дошт, шуғл меварзид. Аз байни онҳо асосиашон инҳо буданд: ҷалб ба тарзи ҳаёти фаъол, ҷалб ба кор, таҳсил, ихтисоси коргарӣ, идоракунӣ, меҳнат, истироҳат, чорабиниҳо оид ба беҳдошти шароити меҳнат ва маишат. Ҳар яке аз масъалаҳои дар ин ҷо зикршуда масъалаҳое буданд, ки ҳалли худро бояд меёфтанд. Муаллиф тавассути мисолҳои дақиқ нишон медиҳад, ки аксарияти занони тоҷик дар солҳои 20-30-юм дар бахши кишоварзӣ фаъолият мекарданд, вале раванди меҳнатӣ бе ҳимояи ҳуқуқӣ дар шароити мушкил ва бе дастрасӣ ба хадамоти иҷтимоӣ сурат мегирифт.

**Боби сеюми рисола - «Роҳбурди (стратегия) КБММЗ дар раванди таҳавуллоти ичтимоӣ-маданӣ ва модернизатсияи маишати занон»** ном дорад. Корҳои маданӣ-маишӣ соҳаи серпаҳлуи сиёсати давлатии Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Ин корҳо қариб тамоми самтҳои

ҳаёту фаъолияти ҷамъиятиро фаро мегирифт. Ҳукумат ба ин соҳа ҳамеша диққати калон медод ва барои доир кардани чорабиниҳои маданӣ-маишӣ маблағи зиёде ҷудо мекард. Ин маблағҳо мунтазам меафзуданд, чунки ин масъала хеле зарур буд. Аммо масъалаи истифодаи самараноки меҳнати занон ваҷҳи сиёсӣ пайдо карда, ба сиёсати махсуси Ҳокимияти Шуравӣ табдил ёфт. Ҳокимияти Шуравӣ дар КБММЗ-ҳо яке аз самтҳои ҳалли масъалаи занон - озодкунии онҳо тавассути ҷалби онҳо ба корҳои муфиди ҷамъиятӣ дар истеҳсолот (косибӣ, завод, фабрика), колхозҳо, совхозҳо, интихобот, ҷаласаҳои занон, маҳфилҳо ва ҳ.к. буд. Чӣ тавре маълум аст, КБММЗ-ҳо ба омодасозии кормандон барои дастгоҳи хурд ва курсҳои дар назди КБММЗ кушодашуда шуғл меварзиданд.

Дар заминаи натиҷаҳои бадастомада муҳим аст, ки хулосаҳои таҳқиқот бо пешниҳодҳои мушаххаси назариявӣ ва амалӣ такмил дода шаванд, ки онҳо метавонанд дар таҳқиқоти минбаъда низ дар сиёсати иҷтимоии замони муосир роҳнамо бошанд.

Дар хулосаи рисола натиҷаҳои муҳими илмӣ ба таври возеҳ ва низомнок оварда шудаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 6.1.1 – Таърихи ватанӣ дар доираи ихтисосҳои соҳаи илмҳои таърих ҷамъбаст гардида, тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ пурра мутобиқат менамояд.

Хулоса, сохтор, ҳаҷм ва мазмуни асосии диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928-1934)» ба талаботи муайяншудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ буда, муҳтавои умумии диссертатсияро дарбар мегирад. Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар

маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар дигар нашрияҳо интишор намудааст. Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, бо далелҳои зарурӣ ва хулосаҳои мушаххас дар охири ҳар банд ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

**Баробари** муваффақиятҳои дар боло зикргардида, як зумра нуқсонҳо низ ба назар расидаанд, ки дар ҳолати ислоҳи онҳо ҳангоми чопи рисола ба ҳайси монография сифат ва мазмуни кори илмии Р.Х. Файззодаро беҳтар менамуд:

1. Таҷзия ва таҳлили миқдорӣ: ҳарчанд ҳуҷҷатҳои бойгонии зиёд истифода шудаанд, таҳлили миқдории фаъолияти ташкилотҳо (масалан, шумораи муассисаҳои кушодашуда, омӯзишгоҳи занона, марказҳои маишӣ ва ғ.) метавонад ба шинохти амиқтари масъала кӯмак кунад;

2. Дар диссертатсия муҳаққиқ аз таҳқиқотҳои муҳаққиқони соҳа камтар истинод овардааст;

3. Таҳлили ҷанбаҳои танқидӣ: диссертатсия ба ҷузъиёти ташкилӣ тамаркуз мекунад, вале дар бахши баррасиҳои интиқодӣ масалан, маҳдудиятҳои сохторӣ, муқовимати иҷтимоиву фарҳангӣ, ҷой барои таҳлили амиқтар боқӣ мемонад;

4. Матн: баъзе қисмҳои матн такрор шудаанд ва ба таҳрири услубӣ ниёз доранд.

Аммо ин нуқсонҳо ба арзиши илмии тадқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, бо мақсад, вазифа ва методологияи мушаххас, манбаъҳои асоснок ва натиҷаҳои илмии қобили таваҷҷуҳ омода шудааст.

Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928 - 1934)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи

он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) сазовор мебошад.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**:
доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи халқи тоҷики
факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Набизода Ваҳҳоб Машраб.**

Имзои Набизода Ваҳҳоб Машраббро
тасдиқ мекунам: Сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров **Сайдуллозода З.С.**

«16» «09» соли 2026